# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст**

***Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Диссертатсия ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба банди 3 – Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш;), банди 5 – Назария ва косепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асоҳҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низомҳои педагогии тарбия;) мувофиқ мебошад.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*** Мавзуи таҳқиқотии интихобнамудаи Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик», бешак муҳим ва мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеаи муосир – тарбия намудани насли наврас дар руҳияи ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ бо истифода аз афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик ва татбиқи ақидаҳои ин мутафаккирон дар таълиму тарбияи насли наврас дар замони муосир бахшида шудааст. Зеро дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ, ҷаҳонишавии арзишҳо, бӯҳрони фарҳангиву иқтисодӣ дар тамоми кишварҳои олам, оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, коҳиш ёфтани арзишҳои фарҳангӣ дар ҳаёти ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар кори таълиму тарбия, оила ва оиладорӣ, равандҳои мураккабтарини таназзули тарзи ҳаёти оилавӣ, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ, шинохти ҳаққи модару падар, афзоиши косташавии ахлоқи наврасону ҷавонон, афзоиши босуръати аҳолӣ, ворид намудани арзишҳои тамаддуни бегона дар зиндагӣ, эҳё намудани анъана, ҷашну маросимҳо ва урфу одатҳои миллӣ ва дигар мушкилоту масъалаҳои мубрам аҳамияти мавзуи тадқиқоти илмиро ошкор ва муайян менамоянд.

Масъалаҳои таҳкими тарбияи ахлоқии насли наврас ва беҳтар намудани шароитҳои таълиму тарбияи фарзанд, инчунин омодагии онҳо ба ҳаёти мустақилона, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос барои оянда аз ҷумлаи мушкилотҳое мебошанд, ки таваҷҷуҳи тамоми

мақомотҳои давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва аҳли ҷомеаро ба худ ҷалб кардаанд.

Бинобар ин, муаллифи рисолаи илмӣ хеле баҷо таъкид кардааст, ки бо дарназардошти муҳимияти тарбияи насли наврас дар руҳияи ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ бо истифода аз осори мутафаккирони асрҳои Х-Х1-и форсу тоҷик, педагогикаи мардумӣ, эҳё ва равнақ бахшидани анъанаҳои миллӣ, ҷашну маросимҳои миллӣ, ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ, таҳкими асосҳои ташаккули ҷомеа ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ бо такя ба афкори тарбиявии мутафаккирони асрҳои Х-Х1-и форсу тоҷик, арзишҳои фарҳанги миллӣ, анъана ҷашну маросимҳо, расму оин яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат дар ин самт ба шумор меравад.

Вобаста ба андешаву мулоҳизаҳои иброзшуда ба сифати рисолаи илмӣ интихоб намудани мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои Х-Х1-и форсу тоҷик», аз ҷониби Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич бамаврид ва саривақтӣ маҳсуб ёфта, мубрамии таҳқиқи мавзуи диссертатсияи муҳаққиқро бозгӯ мекунад.

Дар баробари ин бояд таъкид кунем, ки коркарди ҳамчунин як мавзуи илмӣ бевосита ба амалишавии талаботи асосии Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаматарафа мусоидат хоҳад кард.

Довталаб хеле нишонрас фарзияи таҳқиқоти хешро муайян карда, дуруст таъкид кардааст, ки ташаккули сирати миллӣ ба шарте дуруст ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои дилхоҳ ба бор хоҳад овард, агар дар тарбияи насли наврас ақидаҳои тарбиявии мутафаккирони асрҳои Х-Х1-и форсу тоҷик васеъ истифода бурда шавад, зимни тарбияи насли наврас афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик, педагогикаи мардумӣ ва ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои миллӣ ба назар гирифта шаванд, падару модарон ҳангоми тарбияи фарзандон ва омода намудани онҳо ба ҳаёти мустақил пеш аз ҳама ба афкори педагогии мутафаккирони тоҷик такя кунанд, педагогикаи мардумиву миллии халқи тоҷик, ки имконияту мазмуни ғанӣ дорад, дар тарбияи насли наврас истифода бурда шавад ва таҳқиқ ва омӯзиши анъанаву ҷашну маросимҳо ва урфу одатҳои миллии халқи тоҷик дар заминаи анъанаҳои пешқадам ва мусбат, ки аҳамияти

педагогӣ ва назариявию амалии такмили низоми таълиму тарбияро дар муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа доро мебошанд, ба назар гирифта шавад.

Бояд таъкид кард, ки фарзияҳои манзуркардаи муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқи бевоситаи худро ёфтаанд.

Муҳақиқ афкори тарбиявии мутафаккирони асрҳои Х-Х1-и форсу тоҷик оид ба ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллиро объекти таҳқиқоти мавриди муҳокима ва таҳлилҳои илмӣ қарор дода, роҳу усулҳои самараноки ташаккули сиртаи миллиро дар чараёни омода намудани хонандагони муассисаҳои таълимӣ ба ҳаёти мустақил дар доираи ахлоқи баланди инсонӣ дар замони муосир мавриди таҷрибаву озмоиш қарор дода, дар ин замина хулосаву тавсияҳои илмӣ-методӣ пешниҳод кардааст, ки истифода аз онҳо дар омодасозии хонандагон ба ташаккули сират ва арзишҳои миллӣ ва бунёди ҷомеаи солиму босаодат бемублиға кӯмак ва мусоидат хоҳанд кард.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*** Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллифи диссертатсия имкониятҳои ичтимоию педагогии насли навраси замони муосир, зарурат ва истифодаи андешаҳои тарбиявӣ - ахлоқии мутафаккирони асрҳои Х-Х1-и форсу тоҷик дар ҳамбастагӣ бо педагогикаи мардумӣ, анъанаҳои миллӣ дар омода намудани насли наврас ва ҷавон ба ҳаёти босаодат, аҳамияти афкори педагогии мутафаккирони ин асрҳо ошкор ва муайян карда, алоқаи зичи анъанаҳои миллии таълиму тарбия, ҳамкории падару модарон бо фарзандон ва муассисаҳои таълимӣ дар тарбия намудани ҷавонони хушахлоқ ҷиҳати таъмини рушди минбаъдаи давлат илман асоснок намудааст, ки илман асосноку боэътимоданд.

Бояд зикр кард, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ дар воқеъ навгониҳои зиёдеро ба субут расонида, - асосҳои назариявӣ оид ба ҷанбаҳои асосии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои Х-ХI - ҳамчун омили асосии ташаккули хирад ва сирати миллӣ асоснок кардааast, зарурияти омӯзиш ва паҳн намудани ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои Х-ХI ва нақши он дар таълиму тарбияи насли наврас исбот ва асоснок кардааст, ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои Х-ХI-и форсу тоҷик дар рушди хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ ба системаи муайян даровардааст, роҳҳои амалигардонии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои Х-ХI-и форсу тоҷик дар тарбияи насли наврас, ташаккули сирати миллӣ дар замони рушди босуръати илм ва техника муайн карда, усулҳои

фаъол барои тақвият бахшидани тарбияи насли наврас дар руҳияи шинохти арзишҳои миллӣ ва ташаккули сирати миллиро манзур кардааст.

Нуктаҳоеро, ки муаллифи диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод кардааст, дар маҷмуъ асоси воқеӣ дошта, аз натоиҷи омӯзишу таҳқиқ, таҳлилу баррасӣ ва ташкилу баргузории таҳқиқоти озмоишии амалан анҷомдодаи довталаби дараҷаи илмӣ шаҳодат медиҳанд ва асосноку боэътимоданд, масалан:

– роҳҳои ҳаёт ва фаъолияти илмиву адабии шоирону мутафаккирони барҷастаи асрҳои X-XI-и форсу тоҷик як навъи таҷассуми роҳи рушду нумӯи илму фарҳанги тоҷик дар ташаккули хирад, ҳамчун хориқаи сирати миллӣ мебошад;

– равандҳои эҳёкунии асосҳои назариявии мусбат ва ҷиҳатҳои амалии таълиму тарбия дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI ба он асос ёфтаанд, ки дар замони ҳардамтағйирёбандаи муосир тасвият намудани амсилаи худии тарбияи насли наврас дар руҳияи арзишҳои миллӣ зарур мебошад. Ин амсила бояд ҷавобгӯ ба арзишҳои миллӣ бошад;

– рӯёрӯӣ ба таҷрибаҳои ҷаҳони имрӯза, рӯ ба рӯ шудан ба мушкилиҳо ё дастовардҳои нави зиндагӣ, шоҳиди ҳоли неку бади ҳаррӯзаи замон гардидан равнақ бахшидани тарбияи насли наврасро дар руҳияи арзишҳои миллӣ боз ҳам ногузир месозад ва дар ин робита зарур аст, ки бори дигар ба мероси эҷодии мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик дар ҳамбастагӣ бо педагогикаи мардумӣ, ки асоситарин рукни мунтақиддиҳандаи арзишҳои миллӣ дар масири таърих маҳсуб мешавад ва дар тарбияи насли наврас нақши муҳим дорад, рӯ оварем;

– таҳлили андешаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик, ки бо далелҳо дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ зикр гардиданд, исбот намудаанд, ки дар рушди сифатҳои ахлоқии насли наврас, бахусус, рушди сирати миллӣ муҳити зист, шароити зиндагии маҳал, оин, урфу одат, анъанаҳои мардумиву миллӣ, андӯхтани таҷрибаи гузаштагону муосирон ва амсоли инҳо, ки дар маҷмӯъ андешаҳои мардумӣ ва педагогикаи мардумиро ташкил менамоянд, нақши бориз доранд;

– истифодаи усулҳои фаъоли таълим, бо роҳҳои нав тарбия намудани насли наврас дар руҳияи ахлоқи намунавӣ, ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ ҷузъи ҷудонашавандаи тарбия дар муассисаҳои таълимӣ гардад ва ба ин масъала бояд таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.

Бояд таъкид сохт, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ, сарфи назар аз он ки дар илми педагогикаи тоҷик мавзуи ба таври мукаммал таҳқиқу омӯхта нашуда мебошад, аз ҷониби докторант ба қадри кофӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар асоси мулоҳизаҳои баёншуда метавон тасдиқ намуд, ки андешаҳои муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ, хештаншиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстӣ ва муҳофизати Ватан, ба ташкили дурусти раванди тарбияи насли наврас дар замони муосир, дарки таъриху фарҳанги миллии худ, бохабарӣ аз эҷодиёти гузаштагон, ҳифзи зиндагии осоишта ва равнақ бахшидани кори таълиму тарбия мусоидат хоҳанд кард.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*** Муқаррароти назариявии таҳқикот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи методикаи таълим, педагогика ва психология, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд.

Дастовардҳои таҳқикот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, адабӣ, таҳлилу таърифи гуногунҷабҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф ҳамчун омӯзгор, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро омӯзиши сарчашмаҳои хаттӣ ва маълумотҳои шифоҳӣ оид ба ақидаҳои педагогӣ дар асарҳои тоисломӣ, осори мутафаккирони асрҳои X-X1, асосҳои назариявӣ оид ба анъанаҳои миллии тоҷикони Бадахшон, педагогикаи мардумӣ таъмин менамояд.

Ҳангоми таҳлили маводҳои таърихиву педагогии омӯхташуда истилоҳот бо дарназардошти мафҳумҳои муосири педагогиву мардумӣ, фалсафӣ, усулҳои фаъоли замонавии таълиму тарбия, ки ба мавзуи мавриди таҳқиқ қарордодашуда мувофиқанд, ба муомилоти илмӣ ворид карда шуданд.

Муқаррароти асосии рисола дар нашрияҳои илмии муаллиф, нашрияҳои методӣ, конфронси илмиву амалии вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, гузаронидани курсу семинарҳо барои омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик, курсу семинарҳои директорони муассисаҳои таълимӣ, роҳбарони иттиҳодияи методӣ ва дигар чорабиниҳои илмӣ - назариявӣ ва методӣ инъикос ёфтанд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:*** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, муаллиф исбот намудааст, ки ҷалб намудани хонандагони муассисаҳои таълимии кишвар ба омӯзиши осори мутафаккирони асрҳои зикргардида бисёр муҳим аст. Падару модар, омӯзгорон ва кулли ҷомеаро зарур аст, ки худ ба омӯхтани осори ин мутафаккирон машғул гардида, ҳамзамон фарзандону шогирдони хешро ташвиқ ва шавқманд намоянд, то ки ба омӯхтани осори ин мутафаккирон машғул шаванд. Махсусан, кӯшиш кардани ниҳодҳои номбурда дар дастрас намудани мероси адабии як зумра шоирони асрҳои X-XI, ки осорашон пурра омӯхта нашудааст, бағоят муҳим ва саривақтист. Хонандагон бояд ташвиқ шаванд, ки дар ҷустуҷӯ ва омӯхтани осори ин мутафаккирон саҳмгузорӣ намоянд ва ҷавонон ба тадқиқи осори ин бузургон машғул шаванд. Анъанаи китобхонӣ дар байни мардуми тоҷик решаи таърихӣ дошта, он набояд аз байн биравад, балки онро равнақ бахшидан вазифаи ҳар як шаҳрванд, новобаста аз шуғл, касбу кор ва синну сол мебошад.

Аҳамияти амалии тадқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшударо омӯзгорони фанҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, бахусус омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, таърих, донишҷӯён, падарону модарон ва ниодҳои дигари ба кори таълиму тарбия машғулбуда, донишҷӯёну муҳаққиқон зимни эҷоди корҳои илмӣ, навиштани корҳои дипломӣ, таҳияи реферат ва корҳои курсӣ, муҳаққиқони осори мутафаккирони форсу тоҷик метавонанд истифода баранд. Натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшударо барои донишомӯзии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷу литсейҳо, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии падарону модарон вобаста ба масъалаҳои ташаккули сирати миллӣ ва арзишҳои миллӣ дар донишкадаҳои такмили ихтисос, дар таҳсилоти баъдидипломии хатмкунандагони донишгоҳу донишкадаҳо, унвонҷӯёну аспирантон ва дигар кормандони соҳаи илм, ки ба ин мавзуъ сарукор доранд, метавонанд дар мавридҳои зарурӣ мавриди корбурд қарор диҳанд.

Диссертатсияи мазкур дорои таҳлилҳои назариявию методологии ғанӣ буда, мафҳумҳои калидӣ аз ҷиҳати равонӣ-педагогӣ хеле муфассал таҳлил карда шудаанд. Мақсад, вазифа, фарзия ва муқаррароти диссертатсия татбиқ ва иҷро гардидаанд. Натиҷаи таҳқиқот фарзияи пешниҳодгардидаро тасдиқ намудааст.

Тавсияҳо манзуркардаи довталаб Саидиброимов Шозодаиброҳим

барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи муассисаҳои таълимӣ ҷолиби таваҷҷуҳ буда, бо мақсади тақвият бахшидани тарбияи насли наврас ва бартараф намудани мушкилиҳои дар таълиму тарбия онҳо мавҷуда дар асоси ақидаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI, таълимоти педагогикаи мардумии тоҷикони Бадахшон, таҷрибаҳои чандинсола дар соҳаи маориф ва кор бо ҷомеа, анҷом додани таҳқиқотҳо дар бораи ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ хулоса кокард ва пешниҳод шудаанд ва амалисозии онҳо дар таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ ба ташаккули маърифатнокӣ ва хиради насли наврас ҳамчун хориқаи сирати миллӣ мусоидат хоҳад кард.

Қобили қайд аст, ки муаллиф дар анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ заҳмати зиёд кашидааст: миқдори зиёди адабиёт, аз он ҷумла таҳқиқоти олимони муосири тоҷику хориҷиро мавриди омӯзиш қарор дода, таҳлил намудааст.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*** Нуктаҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 4 монография ва 50 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар диссертатсия инъикос ёфтаанд, бо иштироки бевоситаи муаллиф ба даст омадаанд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:*** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқ талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқарраароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст.

Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ баровар да шудааст.

**Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:** Бо вуҷуди ин, диссертатсия аз камбудиҳо орӣ набуда, ислоҳи онҳо арзиши илмии диссертатсияро афзун хоҳад намуд, аз ҷумла:

1. Хуб мешуд, агар муаллиф дар баёни корҳои озмоишӣ аз таҷриба ва фаъолияти кории хеш низ мисолҳоро меовард;

2. Агар дар қисми таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот падару модарон ва ниҳодҳои ба масоили таълиму тарбияи насли наврас сарукордошта бештар ҷалб ва иштирок мекарданд, арзишмандии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба маротиб меафзуд.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои грамматкӣ ва имлоӣ роҳ ётаанд, ки ислоҳ бояд кард.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ:

1. Диссертатсияи Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик» кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шудаанд. Рисола бо миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисолҳо аз таҷрибаи ниёгон овардашуда таъмин аст.

3. Автореферат ба мундариҷаи асосии диссертатсия мувофиқ аст. Дар охири рисола самтҳоиояндаи таҳқиқот муайян карда шудаст.

4. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

5. Диссертатсияи Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик», ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод

шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқаррizи расмӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессор,
академики Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон, сармутахассиси
шуъбаи инноватсия ва психологияи
таҳсилоти Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон Шарифзода Файзулло

14.04.2025

Маълумот барои тамос: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; Тел.: моб. (+992) 918 61 90 96. E-mail: aot@maorif.tj

*Имзои Шарифзода Файзуллоро тасдиқ мекунам*

*Нозири кадрҳо ва коргузории*
*Академияи таҳсилоти*
*Тоҷикистон* *М. Саидова*